***УДК 931. 138; 316. 472. 45***
***DOI 10.24412/2413-2004-2023-3-121-127***

# МАХСУСИЯТҲОИ КОР БО ЗАНОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОНЛАЙНИИ МЕНЕҶЕРИ SMM

***Тӯхтаева Маҳноза Маъруфовна,*** *докторанти PhD кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров"(Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# ОСОБЕННОСТИ РАБОТЫ С ЖЕНЩИНАМИ В ОНЛАЙН-ДЕЯТЕЛЬНОСТИ SMM-МЕНЕДЖЕРА

***Тухтаева Махноза Маъруфовна,*** *докторант PhD кафедры журналистики и теории перевода ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова" (Худжанд, Таджикистан)*

# FEATURES OF WORKING WITH WOMEN IN ONLINE ACTIVITIES OF AN SMM MANAGER

***Tukhtaeva Mahnoza Marufovna,*** *Ph.D. doctoral student of the department of journalism and theory of translation of Khujand State University named after B. Gafurov, (Khujand, Tajikistan),* ***e-mail:*** *mahnoza1995@gmail.com*

*Вазъияти ҷаҳони муосир дар давраи пандемияи COVID-19 ва баъдиковидӣ нишон дод, ки аксар намуди корҳоро ба таври онлайнӣ дар хона иҷро кардан имконпазир аст. Дар чунин шароит самаранокии фаъолияти меҳнатӣ кам намешавад, вале хароҷоти нақлиёт то коргоҳ ва бозгашт ба хона камтар мегардад. Ин далел барои соҳиби ҷойи кор ва бо шуғл таъмин шудани шахсони зиёди хонашин имконият ба вуҷуд оварда, боиси беҳбуди таъмини молиявӣ ва пешбурди зиндагиашон мегардад. Яке аз самтҳои фаъолияти инсони муосир, ки дар он зарурати ҳузури шахс дар ҷойи кор нест, касби SMM-менеҷер мебошад, зеро танҳо бо доштани дастрасӣ ба интернет тамоми талаботи ин корро новобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва вақт иҷро кардан мумкин аст. Менеҷери SMM метавонад, фаъолияташро дар тамоми гӯшаву канори мамлакат ва ҷаҳон пеш барад, яъне ӯ дар интихоби фазои корӣ озод аст.*

***Калидвожаҳо:*** *пандемияи COVID-19, онлайн, самаранокии фаъолияти меҳнатӣ, бо кор таъмин шудани шахсони бешуғл, SMM-менеҷер, дастрасӣ ба Интернет*

*Ситуация, сложившаяся в современном мире во время пандемии COVID-19 и в постковидный период, показала, что большинство видов работы можно выполнять онлайн, находясь дома. В этой ситуации эффективность трудовой деятельности не уменьшается, а транспортные расходы до работы и до дома уменьшаются. Этот факт позволяет обеспечить работой безработных людей, приведя к росту их благополучия и к улучшению уровня жизни. Одним из направлений деятельности современного человека, не требующим присутствия на рабочем месте, является работа SMM-менеджера, потому что можно выполнять всю работу только через доступ в Интернет, независимо от собственного местоположения и времени. SMM-менеджер может осуществлять трудовую деятельность из любой точки страны и мира, то есть он свободен и может сам выбирать место работы.*

***Ключевые слова:*** *пандемия COVID-19, постковидный период, онлайн, эффективность трудовой деятельности, обеспечение работой безработных, SMM-менеджер, доступ в Интернет*

*The situation in the modern world during the COVID-19 pandemic and in the post-Covid period has shown that most types of work can be done online while at home. In this situation, work efficiency does not decrease, and transportation costs to work and home are reduced. This fact makes it possible to provide work to unemployed people, leading to an increase in their well-being and an improvement in their standard of living. One of the activities of a modern person that does not require presence at the workplace is the work of an SMM manager, because you can do all the work only through Internet access, regardless of your own location and time. An SMM manager can work from anywhere in the country and the world, that is, you are free and can choose your own place of work.*

***Keywords:*** *COVID-19 pandemic, the post-Covid period, online, efficiency of labour activity, providing unemployment with the job, SMM-manager, Internet access*

Расонаҳои хабарӣ яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир мушкилоти бекорӣ, махсусан бо ҷойи кор таъмин набудани занон дар шароити Тоҷикистонро чун мавзуъҳои муҳим ва ҳалталаб арзёбӣ намуда, ҳалли онро бо тавсияҳои коршиносон дар андешидани тадбирҳои амалии силсилавӣ мебинанд, ки бояд дар дурнамо барои беҳтар шудани вазъи хонаводагии мардум ва дар умум беҳтар шудани сатҳи иҷтимоии кишвар мусоидат намояд. Бино ба маълумоти расонаҳои онлайнӣ нарасидани ҷойи кор зиёда аз 1 млн шаҳрванди қобили меҳнати кишварро маҷбур намудааст, ки рӯ ба муҳоҷират оранд [13, с.2]. Ҳарчанд, мувофиқи маълумоти расмии Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021-ум, ки расонаҳои хабарӣ иттилоъ медиҳанд, 592 367 шаҳрванди кишвар дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар, аз ҷумла дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Украина, дигар кишварҳои ИДМ ва ҳатто фоизи кам дар кишварҳои хориҷи дур фаъолияти муваққатии меҳнатӣ қарор доштанд. [17]. Аммо маълумоти расмии ВКД-и Федератсияи Россия аз ин нишондиҳанда хеле зиёдтар аст – 1 597 481 нафар [11].

Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ, ки маъмулан дар расонаҳои ахбори оммавӣ мунташир мешаванд, суръати зиёдшавии аҳолии қобили меҳнат нисбат ба афзоиши ташкили ҷойҳои корӣ баландтар аст [7, с.175], ки дар оянда боз ҳам ба зиёд шудани шумораи бекорон оварда мерасонад. Ба 1 январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5703,3 ҳазор нафар шаҳрванди қобили меҳнат ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 2757,0 ҳазор занон мебошанд [9,с.38]. Сатҳи шуғлнокии занон сол то сол паст мешавад. Масалан, ҳиссаи занони бо кор таъмин аз 46,6 % дар соли 2004 то 40,5 % дар соли 2016 ба сатҳи паст фаромадааст [5, с.25]. Аз сабаби он, ки ҳиссаи занон дар муҳоҷирати корӣ хеле кам, яъне тақрибан аз 11 то 16%-и умумиро ташкил медиҳад [14, с.8, 15, с.80], дар дохили кишвар сафи занҳои бекор нисбат ба мардон бамаротиб зиёд аст. Масалан, мувофиқи омори Бонки ҷаҳонӣ 49% занҳо (7% мардон)-и аз 15 то 24 сола дар Тоҷикистон дар ягон ҷой кор ё таҳсил намекунанд. [6].

Таҳлили маводи расонаҳои ахбории гуногун ба мо имкон дод, ки то андозае сабабҳои бекор мондани ҷавонон, махсусан занонро тасниф намоем. Маълум гардид, ки сабабҳо зиёданд, аз ҷумла набудани ҷойи кори мувофиқ, надоштани касбу ҳунари муайян ва ғайра. Лекин, дар навбати худ аз ҷониби ҷавонон имкониятҳои технологияи муосир барои ба даст овардани илму дониш, касбу малака ва ҳатто ҷойи кор низ самаранок истифода намешавад. Вазъияти ҷаҳони муосири давраи пандемия ва баъдиковидӣ нишон дод, ки корҳои зиёдеро дар хона, бе доштани маълумоти олӣ, ба таври худомӯзӣ ва дар шакли онлайнӣ иҷро кардан имконпазир аст, ки самаранокии он кам намешавад, вале хароҷоти нақлиёт, ҷойи кор ва вақти дар роҳ то коргоҳ ва бозгашт ба хона сарфшуда камтар мегардад. Ин далел барои соҳиби ҷойи кор ва бо шуғл таъмин шудани шахсони зиёди

хонашин имконият ба вуҷуд оварда, боиси беҳбудии таъмини молиявӣ ва пешбурди зиндагиашон мегардад. Яке аз самтҳои фаъолияти инсони муосир, ки дар он зарурати ҳузури шахс дар ҷойи кор мавҷуд нест, касби SMM-менеҷер мебошад, зеро танҳо бо доштани дастрасӣ ба интернет тамоми талаботи ин корро новобаста ба мавқеи ҷойгиршавӣ ва вақт, иҷро кардан имкон дорад.

Назарсанҷии ширкати “Deloitte”-и Австралия нашр шуд, ки аз рӯи он коршиносон ба хулосае омаданд, ки занон нисбат ба мардон аз ӯҳдаи кори фосилавӣ осонтар мебароянд ва ҳамчунин онҳо метавонанд вақти бештарро ба корҳои хона сарф кунанд, зеро то ин вақт низ занон корҳои идорӣ ва хонаводагиро якҷоя пеш мебурданд. 50%-и занони пурсидашуда, ки кори фосилавӣ анҷом медоданд, иқрор шуданд, ки ин кор барояшон осон буд [3]. Аз ин рӯ фаъолияти SMM-менеҷерӣ барои занҳои тоҷик яке аз роҳҳои хуби кам намудани сатҳи бекорӣ мебошад.

SMM-менеҷер мутахассиси таблиғи мол, хидматрасонӣ ва брэнд (намоном) дар шабакаҳои иҷтимоӣ буда, барои пешбурди муҳтаво (контент)-и ширкат дар Facebook, Instagram, Telegram, VKontakte, Tik Tok ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ масъул аст [16].

Касби SMM-менеҷер, аз як тараф, бо таблиғ ва Пиар (PR) ва аз тарафи дигар, бо соҳаи IT алоқаманд аст. Дар робита ба таблиғи маҳсулот, мутахассиси SMM одатан бо шӯъбаи таблиғот ҳамкорӣ мекунад, аммо ӯ инчунин вазифаҳои алоҳидаи худро дорад, ки ба пешбурди саҳифаҳо, таҳлил ва ҳамкорӣ бо одамон (муштариён, истифодабарандагони хидматрасонӣ) алоқаманданд.

Вазифаҳои SMM-менеҷер вобаста ба ширкат, миқёс ва намуди фаъолият фарқ мекунанд. Баъзан аз мутахассис танҳо эҷоди мавод талаб карда мешавад ва баъзан ӯ вазифаҳои рекламасоз (таргетолог)-ро ба ӯҳда мегирад ва пешбарӣ мекунад.

Дар маҷмуъ SMM-ро метавон маркетинги мукаммал номид, ки на танҳо таблиғро тавассути платформаҳои гуногуни иҷтимоӣ ба роҳ мемонад, инчунин барои нигоҳ доштани ҳисобҳои васоити ахбори иҷтимоӣ як қисми стратегияи маркетинг ва коммуникатсия мебошад.

Дар замони ҳозира кори мазкурро танҳо бо доштани интернет, компютер ва донистани баъзе барномаҳои компютерӣ ё телефонӣ иҷро кардан мумкин аст. Ҳатто дар сурати надоштани малака ва таҷрибаи корӣ, дар ҳолати мавҷуд будани хоҳиш занҳо метавонанд нозукиҳои ин самти фаъолияти инсониро ба таври онлайнӣ ва ҳатто ройгон омӯзанд.

Масалан, чандин мактаби омӯзишии ройгони онлайнӣ дар Россия мавҷуд аст, ки дар тӯли 3-4 рӯз дарс гузашта, мутахассис омода менамояд ва бо сертификат таъмин мекунанд, ки барои дарёфти ҷои корӣ мусоидат менамояд. Масалан, платформаҳои омӯзишии “Нетология” ва “Interra” дарсҳои ройгони кӯтоҳмуддат (4 рӯз) пешниҳод мекунанд [10, 18]. Инчунин, видеоҳои омӯзишӣ дар шабакаи Ютуб низ хеле зиёд аст, ки барои баланд бардоштани малака ва омӯхтани нозукиҳои SMM муфид ҳастанд [8].

Дар Тоҷикистон низ SMM дар чанд соли охир маъмул гардида, ширкату коргоҳҳо ва расонаҳо ҳарчи бештар ба он рӯй меоранд. Вобаста ба ин мавзӯъ семинарҳои махсус ташкил шуда истодааст, ки бештари омӯзандагонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Масалан, дар хонаи СИР (Саводи иттилоотиву расонаӣ)-и шаҳри Хуҷанд, ки таҳти сарпарастии Интернюс фаъолият мекунад, дарсҳои ройгони саводи расонаӣ гузаронида мешавад. Ҳамчунин, ташкилотҳои махсуси омӯзишие, аз қабили “Инноватсияи ояндасоз”, “IT-Run” “Rasonanigor” ва ғайра мавҷуданд, ки курсҳои ройгон мегузаронанд.

Дар рафти кор аз менеҷери SMM талаб карда мешавад, ки барномаҳои Photoshop, CorelDRAW, Adobe Illustrator ё дигар барномаҳои графикиро аз худ намояд, зеро барои ороиш ва танзими расму видеоҳо ба кор меояд. Барномаи Excell бошад, барои омода

намудани ҳисобот ва таҳлили натиҷаи фаъолият муҳим аст, зеро бо ёрии он тамоюлоти бозор ва динамикаи тиҷорат ва пешбурди брендро пайгирӣ кардан имкон дорад. Ба мутахассисоне, ки таҷрибаи корӣ надоранд ва барои ороиш мушкилӣ мекашанд, барномаи онлайнии “Canva” ва “Adobe express”-ро метавон пешниҳод кард, ки тамоми имконият, воситаҳо ва бартарияти барномаҳои графикиро дошта, барои истифода хеле осон ва мувофиқ аст [1]. Ҳатто нафаре, ки бори аввал саҳифаашро боз мекунад, ба мақсади худ ноил мегардад, чун дар дохили барнома ҳама намунаҳои лозима бо пешниҳоди андозаҳои мувофиқи шабакаҳо оварда шудааст.

Як тамоюли ҷолиб он аст, ки дар низоми SMM-и фазои тоҷикии интернет аксари менеҷерони SMM ва масъули саҳифаҳоро занон ташкил медиҳанд. Мо кӯшиш намудем, чанд шабакаҳоеро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор диҳем, ки бевосита аз тарафи занҳо идора карда мешавад.

Дар Тоҷикистон платформаҳои эълонҳо мавҷуданд, ки нафаре дар ҷустуҷӯи кор аст, метавонад, кори мувофиқро пайдо намояд, хусусан занҳо.

Мисол аз платформаҳои somon.tj, upgrade.tj ва ғайра метавонем, оид ба касби SMM эълони ҷойи кории зиёдро хонда бошем.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон маоши мутахассиси SMM 1000-5000 сомонӣ мебошад. Махсусан платформаи upgrade.tj барои эълони ҷойи корӣ хеле фаъол аст, ки оид ба касби SMM эълони зиёде ба назар мерасад. Мушоҳида шуд, ки дар платформаи мазкур қариб ҳаррӯз оид ба ин касб эълони ҷойи корӣ бо зикри маош дида мешавад [4].

Азбаски аксарияти шаҳрвандони Тоҷикистон забони русиро медонанд, онҳо метавонанд, ба таври фосилавӣ дар ширкатҳои кишварҳое, ки дар онҳо забони русӣ истифода мешавад, фаъолият намоянд. Барои мисол бозори кории Россия мувофиқ аст ва нисбат ба Тоҷикистон ба мутахассиси мазкур талабот бештар аст. Ба ҳамин хотир эълони ҷойҳои кории холии вазифаи SMM менеҷерро дар сомонаҳои русӣ дида баромадем. Мо шабакаҳои hh.ru (HeadHunter), Superjob, Авито, Работа.ру, Зарплата.ру-ро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додем. Дар ҷадвал миқдори эълони ҷойи кории касби SMM, то 22.01.2023 оварда шудааст. Маоши эълони ҷойи кории касби мазкур аз 30000 рубл то 200000 рубли русиро дар бар мегирад. Аксарияти эълонҳо ба муҳити корӣ ҳозир шудани менеҷерро талаб намекунанд [2].

***Ҷадвали 1.***

***Шумораи эълони ҷойи корӣ дар сомонаҳо***

| № | Номи сомона ё шабака | Миқдори ҷойи холӣ |
|---|---|---|
| 1 | upgrade.tj | 15 |
| 2 | somon.tj | 54 |
| 3 | HeadHunter | 1747 |
| 4 | Superjob | 66 |
| 5 | Авито | 402 |
| 6 | Работа.ру | >300 |
| 7 | Зарплата.ру | >380 |

Мувофиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016 № 478 қабул карда шудааст, кори менеҷери SMM-ро дар сурати набудани зарурати ҳузур доштан дар

коргоҳ ҳамчун кори фосилавӣ муайян кардан мумкин аст, ки “берун аз маҳалли ҷойгиршавии корфармо бо истифода аз технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ иҷро карда мешавад” [12].

Таҳлил нишон медиҳад, ки касби SMM дар замони муосир зарур буда, талабот ба он зиёд мегардад, чунки нисбати дагар касбҳо якчанд баратарӣ дорад: аввалан зарурати ҳар рӯз аз хона баромада ба кор рафтан нест, баъдан, хароҷоти раҳкоро ва ба хӯроки нисфирӯзӣ сарф кардани маблағ ҷой надорад, ниҳоят реҷаи корӣ мисли коргоҳ сахт нест, он озод аст.

Машғул шудан ба фаъолияти SMM барои занҳои бекори тоҷик роҳи нисбатан осони соҳиби кор шудан ва ба даст овардани музд мебошад. Ин имконият ба занони тоҷик аст, ки зиёд хонашин буда, имкони (нигоҳубини кӯдакон, пиронсолони оила ва ғ.) машғули фаъолият дар корхона надоранд.

Ҳамин тавр мутахассиси SMM бояд нозукбин, ақли қобили таҳлил, андешаи бикр, фикри солим дошта бошад ва бо ин эътимоди корбаронро ба даст оварда метавонад.

Менеҷери SMM гарчанде дар соҳаҳои гуногун аз қабили таблиғ, маркетинг, PR, фурӯш, журналистика ва ҳуқуқшиносӣ коршиноси ҳирфаӣ набошад ҳам, бояд донишҳои асосии соҳоти мазкурро дошта бошад. Ин имкон медиҳад, ки ҳангоми таҳияи мавод аз вожаҳо ва истилоҳоти соҳавӣ дуруст истифода намуда, супориши корфармо ва вазифаи худро ба сатҳи зарурӣ баманфиат иҷро намояд.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Canva [Электронный ресурс]. – URL: https://www.canva.com / (дата обращения: 26.02.2023).*
2. *HeadHunter [Электронный ресурс]. – URL: https://hh.ru/search/vacancy?text=SMM&area=1 (дата обращения: 23.01.2023).*
3. *They know the drill: women happier working from home than men. The Sydney Morning Herald [Электронный ресурс]. – URL: https://www.smh.com.au/business/workplace/they-know-the-drill-women-happier-working-from-home-than-men-20201026-p568pw.html?utm_medium=Social&utm_source=Twitter (дата обращения: 26.02.2023).*
4. *Upgrade [Электронный ресурс]. – URL: https://upgrade.tj/latest-jobs?q=SMM+&l=&location= (дата обращения: 26.02.2023).*
5. *Вазъи бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2017. – 212 с.*
6. *Всемирный банк. Таджикистан. Страновая гендерная оценка. 2021 год [Электронный ресурс]. – URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/ 9213216382503 71738 /pdf/Tajikistan-Country-Gender-Assessment.pdf (дата обращения: 26.02.2023).*
7. *Ғуломов, Х.Ҳ. Бозори меҳнат ва шуғлнокии аҳолӣ дар Тоҷикистон / Ғуломов Х.Ҳ., Сангов Ҳ.Ғ., Андалибова М.Б. // Кишоварз, 2021. – №: 1 (90). – С. 175-179.*
8. *Канал для маркетологов [Электронный ресурс]. – URL: https://www.youtube.com/@AntonSaburov/ videos (дата обращения: 26.02.2023).*
9. *Маҷмӯаи омории «Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2022». Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2022. – 55 с.*
10. *Образовательная платформа Нетология [Электронный ресурс]. – URL: https://netology.ru/programs/ smm-free (дата обращения: 26.02.2023).*
11. *Сайт МВД Российской Федерации [Электронный ресурс]. – URL: https://xn--b1aew.xn--p1ai/dejatelnost/statistics/migracionnaya/item/26510325/?fbclid=IwAR3f00F89Wk4ZR9JcCxS_zIjo42e-Ljilu1iFwfuxwZFGn48ttrrlZK-m_0 (дата обращения: 26.02.2023).*

**12.** *Сомонаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронный ресурс]. – URL: http://mmk.tj/content/% (дата обращения: 26.02.2023).*
**13.** *Строкова В., Аджвад М. И. Диагностика создания рабочих мест в Таджикистане: Стратегические направления по созданию рабочих мест.-Вашингтон, 2017. – 119 с. [Электронный ресурс]. – URL: https://documents.vsemirnyjbank.org/ru/publication/documents-reports/documentdetail/460071486972590226/jobs-diagnostic-tajiskistan (дата обращения: 26.02.2023).*
**14.** *Усиление поддержки трудовой миграции в Таджикистане. Оценка и рекомендации. Азиатский банк развития, 2020. – 100 с.*
**15.** *Флоринская, Ю. Ф. Женская трудовая миграция в Россию: численность, страны-доноры, ниши на рынке труда // Проблемы прогнозирования.- 2022.- №.1(190).- С.78-90.*
**16.** *Центр развития компетенций в бизнес-информатике, логистике и управлении проектами Высшей школы бизнеса [Электронный ресурс]. – URL: https://hsbi.hse.ru/career/professions/smm-menedzher/ (дата обращения: 26.02.2023).*
**17.** *Шаҳрвандони мамлакат дар кадом кишварҳо бо кор таъмин мешаванд? "Садои мардум": https://sadoimardum.tj/i-tisod/sha-rvandoni-mamlakat-dar-kadom-kishvar-o-bo-kor-ta-min-meshavand/ (дата обращения: 26.02.2023).*
**18.** *Школа современных профессий: https://edu.interra.bz/treningsmm (дата обращения: 26.02.2023).*

**REFERENCES:**

1. *Canva [Electronic resource]. – URL: https://www.canva.com/ (date of referrence: 26.02.2023)*
2. *HeadHunter [Electronic resource]. – URL: https://hh.ru/search/vacancy?text=SMM&area=1 (date of referrence: 23.01.2023)*
3. *They know the drill: women happier working from home than men. The Sydney Morning Herald [Electronic resource]. – URL: https://www.smh.com.au/business/workplace/they-know-the-drill-women-happier-working-from-home-than-men-20201026-p568pw.html?utm_medium=Social&utm_source=Twitter (date of appeal: 26.02.2023)*
4. *Upgrade [Electronic resource]. – URL: https://upgrade.tj/latest-jobs?q=SMM+&l=&location= (date of appeal: 26.02.2023)*
5. *The Condition of Labour Market in Tajikistan Republic. Statistics Agency under the President of Tajikistan Republic, Dushanbe, 2017.-212 pp.*
6. *World Bank. Tajikistan. World Gender Assessment. 2021year [Electronic resource]. – URL: https://documents1.worldbank.org/curated/en/ 9213216382503 71738 /pdf/Tajikistan-Country-Gender-Assessment.pdf (date of referrence: 26.02.2023)*
7. *Ghulomov H.H. Labor market and population employment in Tajikistan / Ghulomov H.H., Sangov H.Gh., Andalibova M.B. // Kishovarz, 2021. – №: 1 (90). – PP. 175-179.*
8. *Channel for Marketing [Electronic resource]. – URL: https://www.youtube.com/@AntonSaburov/ videos (date of referrence: 26.02.2023)*
9. *Statistical collection "Population of the Republic of Tajikistan until January 1, 2022". Statistical Agency under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 2022. – 55 pp.*
10. *Educational Platform Netology [Electronic resource]. – URL: https://netology.ru/programs/ smm-free (date of referrence: 26.02.2023)*
11. *Site of Ministry of Internal Affairs of Russian Federation [Electronic resource]. – URL: https://xn--b1aew.xn--p1ai/dejatelnost/statistics/migracionnaya/item/26510325/?fbclid=IwAR3f00F89Wk4ZR9JcCxS_zIjo42e-Ljilu1iFwfuxwZFGn48ttrrlZK-m_0 (date of appeal: 26.02.2023 )*

12. *Website of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan [Electronic resource]. – URL: http://mmk.tj/content/% (date of refference: 26.02.2023)*
13. *Strokova V., Adjvad M.I. Строкова В., Аджвад М. И. Job Creation Diagnostic in Tajikistan: Strategic Directions for Job Creation. Washington, 2017. – 119 pp. [Electronic fresource]. – URL: https://documents.vsemirnyjbank.org/ru/publication/documents-reports/documentdetail/460071486972590226/jobs-diagnostic-tajiskistan (date of referrence: 26.02.2023).*
14. *Strengthening support for labor migration in Tajikistan. Evaluation and recommendations. Asian Development Bank, 2020. – 100 pp.*
15. *Florinskaya U.F. Female labor migration to Russia: numbers, donor countries, niches in the labor market // Problems of forecasting, №. 1 (190) 2022. - PP. 78-90.*
16. *Center for Competency Development in Business Informatics, Logistics and Project Management of the Graduate School of Business [Electronic resource]. – URL: https://hsbi.hse.ru/career/professions/smm-menedzher/ (date of referrence: 26.02.2023)*
17. *In What Countries would the Citizens of the country be provided with the job? "Sadoi mardum" : https://sadoimardum.tj/i-tisod/sha-rvandoni-mamlakat-dar-kadom-kishvar-o-bo-kor-ta-min-meshavand/ (date of appeal: 26.02.2023)*
18. *School of Modern Professions: https://edu.interra.bz/treningsmm (date of referrence: 26.02.2023)*